## Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Нозимова Маъмура Саҳобиевна дар мавзуи «Таъсири баъзе ҳосилаҳои глитсерол ба лӯбиё *(Phaseolus vulgaris L.)* ҳамчун афзоиштанзимкунанда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.05-Физиология ва биохимияи растаниҳо**

Таҳқиқоти мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳими соҳаи биология омӯзиши афзоиштанзимкунандаҳои нав бахшида шудааст. Дар замони афзоиши босуръати аҳолии сайёра ва кам шудани майдонҳои кишт, ҷустуҷӯи роҳҳои баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва сифати маҳсулоти кишоварзӣ аҳамияти афзалиятнок пайдо кардааст. Ҳалли ин масъалаҳо бо истифода аз афзоиштанзимкунандаҳои растанӣ, ки равандҳои физиологӣ ва биохимиявии растаниҳоро танзим мекунанд, заминаи муҳим мегузорад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки омӯзиши пайвастагиҳои нави ҳосилаҳои глитсерол ҳамчун афзоиштанзимкунанда ба таври ҷиддӣ барои баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ нигаронида шудааст. Муаллиф дар доираи ин таҳқиқот пайвастагиҳои гуногуни ҳосилаҳои глитсеролро истифода намуда, таъсири онҳоро ба нашъунамои растаниҳои лӯбиё (Phaseolus vulgaris L.) ва муқовимат ба бемории антракноз таҳлил намудааст.

**Навгонии илмӣ** аз он иборат аст, ки бори аввал як қатор пайвастагиҳои нави глитсерол, аз ҷумла 1,3-дифталилаланилопропан-2-ол ва ҳосилаҳои дигари он, синтез гардида, таъсири онҳо ба растаниҳо ба таври муфассал омӯхта шудааст. Дар ин раванд, на танҳо таъсири биологӣ ва физиологӣ, балки хусусиятҳои заҳрнокии ин пайвастагиҳо низ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

**Натиҷаҳои таҳқиқот аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд.** Маълумоти бадастомада метавонанд барои рушди назарияи танзими афзоиши растаниҳо хидмат намуда, дар таҳияи барномаҳои амалӣ барои баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ васеъ истифода шаванд. Дар асоси таҳқиқотҳои муаллиф инчунин композитҳои нав барои

мубориза бо бемории антракноз таҳия гардидаанд, ки барои ҳалли мушкилоти марбут ба ҳифзи растаниҳо саҳми арзанда мегузоранд.

Бо вуҷуди ин, дар кори пешниҳодшуда баъзе нуқсонҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд:

1. Дар автореферат муқоисаи таъсири пайвастагиҳои омӯхташуда бо афзоиштанзимкунандаҳои маъмул пурра нишон дода нашудааст.

Ин эродҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши умумии корро паст намекунанд.

Хулоса, рисолаи мазкур дар асоси таҳқиқоти илмии гузаронидашудаи муаллиф руйи чоп омадааст ва аҳамияти илмию амалӣ дорад. Автореферат аз руйи мазмун ва тартиб тибқи талабот навишта шудааст. Автореферат ва диссертатсияи Нозимова Маъмура оид ба муҳиммият, навоварии илмӣ ва аҳамияти амалӣ доштан ва ҳаҷми гузаронидани таҳқиқотҳо ба талаботи дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо ба талаботи боби-3, бандҳои 31-34 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, таҳти №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Нозимова Маъмура, барои ҳимоя бо мақсади дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ, аз руйи ихтисоси 03.01.05-Физиология ва биохимияи растаниҳо сазовор аст.

Тақриздиҳанда:
Дотсенти кафедраи биохимияи МДТ Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуали ибни Сино н.и.б., дотсент Носирҷонова Х.Р.

Имзои Х.Р. Носирҷоноваро тасдиқ мекунам
Сардори Раёсати рушди кадрӣ МДТ "ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино" н.и.т. Сафаров Б.И.

27.02.2025

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе
н. Сино, кучаи. Сино 29-31. Тел.: (+992) 446-600-39 77, 2353496
Факс: 2243687. E-mail: info@tajmedun.tj. www.tajmedun.tj